# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.12.2024, №52**

Барои сазовор донистани Имомализода Баҳодур Бобомурод, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Имомализода Баҳодур Бобомурод дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, санаи 23 октябри соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ ба ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №66 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Унвонҷӯ Имомализода Баҳодур Бобомурод, соли таваллудаш 01.01.1988, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ба ҳайси мушовир-эдвайзери факултети менеҷмент ва идораи сайёҳӣ ва ҳамзамон муаллими кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият менамояд.

Имомализода Баҳодур Бобомурод соли 2005 ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит» дохил шуда, соли 2011 донишгоҳи мазкурро бомуваффақият хатм намудааст. Ӯ фаъолияти кории худро аз 7-уми ноябри соли 2007 дар ҶДММ “ФИНКА”, ҳамчун мутахассиси қарздиҳӣ оғоз намуда, солҳои 2008-2009 сармутахасиси қарздиҳӣ дар худи ҳамин ташкилот ва солҳои 2009-2012 ҳамчун менеҷери кредитӣ кору фаъолият намудаст. Аз соли 2012 то 2016 дар ташкилоти қарзии ҶДММ “МолБулак”-и Федератсияи Россия, дар шаҳри Нижний Новгород фаъолияти корӣ намудааст. Аз соли 2017 то моҳи январи соли 2020, ҳамчун омӯзгор ва ҷонишини декан оид ба корҳои тарбиявӣ дар факултаи менеҷмент ва низоми гумрукии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, аз соли 2021 то соли 2023 муовини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ, аз 1 сентябри соли 2023

нозири шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот ва аз 28 августи соли 2024 то инҷониб мушовир-эдвайзери факултети менеҷмент ва идораи сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кору фаъолият дорад.

**Роҳбари илмӣ:**

**Пиризода Ҷалил Сафар-** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич-** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи милли Тоҷикистон,

**Махшулов Саидхуҷа Ҷуъаевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия хулосаи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарз Миразизов А. Х.- таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарз баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №4, аз 22.11.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Точикистон - д.и.и., профессор Файзулло М.Қ. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Имомализода Баҳодур Бобомурод дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Имомализода Баҳодур Бобомурод барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 14 интишороти илмӣ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М]** Имомалиев Б.Б. Таҳлили самаранокии қарзҳои хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе 2018, №7, саҳ.104-107;

**[2-М]** Имомалиев Б.Б. Асосҳои назариявии ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд дар шароити имрӯза// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2018, №4(253) саҳ.97-101;

**[3-М]** Имомалиев Б.Б. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2019, №2(256) саҳ.102-108;

**[4-М]** Имомалиев Б.Б. Мушкилоти асосӣ дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе, 2019, №5, қисми 2, саҳ.164-168;

**[5-М]** Имомалиев Б.Б. Хавфу хатарҳои ғайримолиявӣ ва идоракунии он дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд// Маҷаллаи назариявии илмӣ истеҳсолӣ "Кишоварз" Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Душанбе, 2019, №3 (83), саҳ.186-190;

**[6-М]** Имомалиев Б.Б. Ҳолати кунунии истифодабарии микрокредит дар ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон// Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 1/4 (57), Бохтар, 2019 саҳ.190-193;

**[7-М]** Имомалиев Б.Б. Нақши ташкилотҳои маблағгузории хурд дар рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 1/3 (65), Бохтар, 2019, саҳ.279-282;

**[8-М]** Имомалиев Б.Б. Идоракунии хавфу хатарҳои молиявӣ дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд// Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 1/3 (65) Бохтар, 2019 саҳ.316-319.

**[9-М]** Имомалиев Б.Б. Ҳолати имрӯза ва рушди фаъолияти хизматрасонии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз//Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон// №4(67)2019 – Душанбе-2019 саҳ. 263.

**[10-М]** Имомалиев Б.Б. Такмили фаъолияти ташкилотщои мабла-гузори хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 1/4 (104) Бохтар- 2022 саҳ.182-188. ISSN 2663-5534.

**[11-М]** Имомалиев Б.Б. Теоретические вопросы реформирования монетарной политики в Республике Таджикистан /Б.Имомализода, М.Р. Обидова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носир Хусрава 1/2 (110) Бохтар- 2022 С.243-247. ISSN 2663-5534.

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[12-М]** Имомалиев Б.Б. Таҳлили раванди қарздиҳӣ ба рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ//Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, ш. Бохтар, 2018 саҳ.82-87;

**[13-М]** Имомалиев Б.Б. Методҳои ҳисоб кардани меъёри фоизи микрокредит дар ташкилотҳои молиявии хурд// Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон" 20 декабри 2018, ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон, с.228-230.

**[14-М]** Имомалиев Б.Б. Самтҳои асосии такмили танзими давлатии бозори маблағгузории хурд / Б.Б.Имомализода, А.Ш. Исоев // Маҷаллаи илмию амалии байналмилалӣ “ENDLESS LIGHT in SCIENCE”. 25 июни соли 2023, ш.Алмаато, Ҷумҳурии Қазоқистон. Impact Factor: SJIF 2020-5.497.2021-5.81. [Захираи электронӣ]: www,irc-els.com. С.424-434. ISSN 2709-1201.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Ризозода Т.Р. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,** бо чунин эрод: 1) Бо вуҷуди таҳлили муқоисавӣ, муаллиф омилҳои ба динамикаи афзоиши маблағгузории хурд таъсиррасонро пурра шарҳ надодааст.

**2. Ғоибназарзода С.М. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев** бо чунин эрод: 1) Дар доираи таҳқиқоти худ, чуноне, ки аз автореферат бармеояд, муаллиф таҷрибаи хориҷии бисёре давлатҳоро омӯхтааст. Хуб мешуд агар муаллиф дар автореферат ба таври ҷадвал таҷрибаи давлатҳои хориҷиро меовард

**3. Комилов Н.Б. - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**, бо чунин эрод: 1) Хубтар мешуд агар муаллиф дар кори илмии худ мукаммалгардонии маблағгузории хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҷадвал меовард.

**4. Хидиралиев Р.З. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эрод:** 1) Аз ҷумла, агар сабабҳои бо суръати баланд рушд накардани маблағгузории хурд ба пуррагӣ равона карда нашудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар ҶТ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки дар сурати муттаҳид сохтани қарздиҳии истеъмолӣ ва соҳибкорӣ ва бо ҳамин роҳ зиёд кардани ҷанбаи иҷтимоии маблағгузории хурд, рушди мутаносиби технологияҳо ва институтҳои маблағгузории хурд ва диверсификатсияи дахлдори онҳо низоми умумии фарогири молиявиро дар кишвар бунёд кардан имконпазир буда, маблағгузории хурд дар сатҳи бозорҳои минтақавӣ тақозоро ба хизматрасониҳои соҳибкорӣ, молҳо ва амсоли он ба вуҷуд меорад. Барои ин бояд талабот ба афзорҳои маблағгузории хурд қонеъ гардонида шуда, андӯхтани таҷрибаи меъёрию ҳуқуқии ҳифзи дороиҳои институтҳои маблағгузории хурд, коҳиш додани арзиши қарзҳои хурд аз ҳисоби камкунии хавфҳои мавҷуда, мутобиқ гардонидани он ба талаботи Кумитаи Базелӣ, дар самти муқаррарот оид ба миёнаравии молиявӣ зарур аст.

- ***таърифи муаллифии*** мафҳуми маблағгузории хурд вобаста ба ҳадафҳои мушаххаси дар ибтидо гузоштташуда дода шудааст, ки тибқи он: а) маблағгузории хурд муносибатҳои мушаххаси молиявию қарзии байни ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун қарздиҳанда аз як тараф ва соҳибкорони хурд ҳамчун қарзгиранда аз тарафи дигар мебошад; б) маблағгузории хурд – ин раванди пешниҳоди захираҳои молиявӣ дар шакли қарз бо риояи чор принсипи асосӣ (пардохт, пардохтпазирӣ, эътимоднокӣ, истифодаи мақсаднок) бо мақсади дастгирии аҳолии камбизоат ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

- ***методикаи*** арзёбии вазъи муосири маблағгузории хурд дар Тоҷикистон пешниҳод гардида, заминаҳои таҳкими иқтидори ташкилотҳои қарзӣ дар самти маблағгузории хурд, ҳамчун шакли махсуси миёнаравии молиявӣ дарёфт ва саҳми маблағгузории хурд дар беҳтаршавии шароити иқтисодию иҷтимоии шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар кишвар нишон дода шудааст.

- ***омилҳо ва*** **мушкилоти асосии боздорандаи** рушди бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла: а) зарурати мавҷудияти масъулияти ҳатмии молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар назди мизоҷон ва низоми суғуртакунонӣ; б) паст будани меъёри пасандозҳо; в) саводнокии нокифояи молиявии қарзгирандагон; г) меъёрҳои баланди қарз; д) рақобати қавӣ бо қарздиҳандагони ғайриқонунӣ **ошкор карда шуданд.**

**-.Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқарраротӣ*** назариявию методологие таҳия шудаанд, ки онҳоро метавон барои таҳқиқотҳои минбаъда дар соҳаи инкишофи бахши

маблағгузории хурд мавриди истифода қарор дод. Инчунин, таҳлили иқтисодию назариявӣ ва молиявии ҳолати фаъолияти бахши маблағгузории хурд амиқтар карда шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои бадастомада дар бахши макроиқтисодӣ дар шакли такмилёфта метавонанд ба заминаҳои назариявии таҳияи сиёсати молиявии давлат шомил карда шаванд, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ дар асоси пурра амалӣ намудани имкониятҳои молиявии онҳо нигаронида шудаанд.

***исбот шудааст,*** ки натиҷа ва хулосаҳо: 1) Метавонанд ба мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бахши маблағгузории хурд дар Тоҷикистон, аз ҷумла, ҷустуҷӯйи захираҳо барои рушди барномаҳои дарозмуддати дастгирии соҳибкории хурд ва аҳолӣ мавриди истифода қарор бигиранд; 2) Асоси методологӣ барои сохтани олоти амалӣ доир ба арзёбии хавфҳои қарзии маблағгузории хурд, асосҳои меъёрию муҳосибии онҳо, ки ба тавсияҳои Базелӣ ва таҷрибаи мусбии хориҷии дар таҷрибаи ҷаҳонии низоми қарзӣ ҷойгузин шуда, мувофиқат намоянд; 3) Барои таҳияи стратегияи амсиласозии низоми қарзӣ бо дарназардошти инкишофи барномаҳои дастгирии фаъолияти маблағгузории хурд имкон фароҳам биоваранд; 4) Иқтидори пойгоҳиро барои низоми қарзии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи пулдории иштирокчиёни бахши маблағгузории хурд бо дарназардошти асосҳои ба таври кофӣ маҳдуди меъёрию ҳуқуқӣ, ки аз танзими зоҳирӣ ва набудани рейтингҳои берунӣ, вазъияти воқеии ташкилотҳои маблағгузории хурд бармеояд, кушода дода метавонанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

-***ғояи бунёдие коркард ва пешниҳод шудааст, ки*** барои коҳиш додани хавфҳои маблағгузории хурд ва паст кардани меъёри фоизҳо доир ба қарзҳо ва коҳиши хароҷоти вақт барои ҷустуҷӯйи маълумот дар бораи муштарӣ, дар якҷоягӣ бо бонкҳои ватанӣ сохтани пойгоҳи боэътимоди иттилоотӣ дар бораи муштариён зарур аст, ки дар он низоми дақиқи шиносоӣ ва таърихчаҳои қарзии онҳо ҷорӣ карда шавад. Ҳамзамон, пешниҳод шудааст, ки бо мақсади таъмини инкишофи устувори сегменти муассисаҳои маблағгузории хурд дар бозори молиявӣ ***меъёри захираҳои ҳатмӣ*** барои онҳо мушаххас карда шавад.

-***самтҳои*** асосноккунии иқтидори ташкилотҳои қарзӣ дар соҳаи маблағгузории хурд дар асоси таҳлили дараҷаи таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла тавозун, хизматрасонӣ, пасандозҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори молиявӣ ва ҳамзамон таҳлили қарзҳо вобаста ба намудҳои моликият ва соҳа аз тарафи ташкилоти маблағгузории хурд, ***муайян ва илман асоснок карда шудааст***. исбот шудааст, ки бидуни рушди мутаносиби технологияҳо ва институтҳои маблағгузории хурд ва

диверсификатсияи дахлдори онҳо низоми фарогири умумии молиявиро дар кишвар бунёд кардан ғайриимкон аст.

-***методологияи*** асосноккунии иқтидори ташкилотҳои қарзӣ дар соҳаи маблағгузории хурд дар асоси таҳлили дараҷаи таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла тавозун, хизматрасонӣ, пасандозҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори молиявӣ ва ҳамзамон таҳлили қарзҳо вобаста ба намудҳои моликият ва соҳа аз тарафи ташкилоти маблағгузории хурд **пешниҳод карда шудааст**; ***принсипҳо ва методҳои ташкили маблағгузории хурд*** ҳамчун омили кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва тақвияти устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ, вусъатёбии соҳибкории хурд, танаввуъ ва сифати хизматрасониҳои молиявӣ **таҳия ва пешниҳод шудаанд**.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

-***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Хавфи молиявии менеҷмент», «Ташкили маблағгузории хурд», «Хавфҳои қарзӣ», «Фаъолияти бонкӣ» дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав истифода шудаанд (санади татбиқи натиҷаҳо аз 23.12.2023 таҳти №23).

- ***моделҳои регресиионии*** дурнамои маблағгузории хурд ва пардохтҳои онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ барои давраи то соли 2030 таҳия ва коркард карда шуд. Модел нишон дод, ки маблағгузории хурд дар сатҳи бозорҳои минтақавӣ тақозоро ба хизматрасониҳои соҳибкорӣ, молҳо ва амсоли он ба вуҷуд оварда, қарзҳои истеъмолӣ бо тиҷорати худ муттаҳид гардида, талаботи дарозмуддат ва ҷории оилавиро қонеъ мегардонанд.

- ***стратегияи*** дурнамои маблағгузории хурд ва дурнамои қарзҳои хурди додашуда ва пардохти онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ барои давраи то соли 2030 таҳия ва коркард карда шуд. Муайян карда шуд, ки дар шаш соли оянда ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда зимни бетағйир боқӣ мондани дигар ҷузъҳои таркибӣ, 31,1 фоиз меафзояд, ки ин аз дурнамои хуб ва самаранокии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд шаҳодат медиҳад.

- ***пешниҳод шудааст:*** а) стандартҳои муосири маблағгузории хурд; б) тавсияҳои амалӣ ва методӣ оид ба фаъолсозии маблағгузории хурд дар кишвар; в) пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба таҳияи ҷузъҳои таркибии меъёрию ҳуқуқии қарздиҳии хурд; г) роҳҳои коҳиш додани хавфҳои қарзӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои маблағгузории хурд; д) сохтори сесатҳаи низоми бонкӣ, ки ҳамчун сатҳи сеюми он ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба маблағгузориҳои хурд ***пешниҳод гардидааст***, ки мукаммалгардонии пойгоҳи мафҳумии маблағгузории хурдро ҳамчун муносибати махсуси молиявию қарзӣ дар байни ташкилотҳои қарзӣ ва муштариёни онҳо, маҷмуи захираҳои молиявӣ, ки дар ҳаҷми хурд пешниҳод гардидани қарзҳоро бо риояи принсипҳои дахлдор ва истифодаи мақсаднок дар назар дорад.

- ***равиши илман*** асоснок оид ба пешниҳоди низоми суғуртаи ҳатмии пасандозҳо, бо назардошти низоми идоракунии хавфҳо, чунки вай ҳамчун кафили муваффақият дар дурнамои дарозмуддат баромад мекунад. Дар ин самт пешниҳод мешавад, ки равиши системавӣ барои арзёбии хавфҳо дар асоси тавсияҳои Базели 11 истифода шавад.

- ***усулҳои*** ташкили маблағгузории хурд ҳамчун омили кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва тақвияти устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ, вусъатёбии соҳибкории хурд, танаввуъ ва сифати хизматрасониҳои молиявӣ пешниҳод шудааст. Исбот гардидааст, ки дар ҳоли ҳозир зарурати шадид ба мавҷудияти пойгоҳи муносиби меъёрию ҳуқуқии ба мисли кишварҳои рушдёфта ва мутобиқгардонии он ба хусусиятҳо ва вижагиҳои иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ба миён омадааст, ки вобаста ба мушкилоти ҳалношуда дар сегменти маблағгузории хурди бозор ва ҷоннокшавии тақозо ба қарзҳои истеъмолӣ сурат мегирад.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва микдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” шароҳатан сатҳи диссертатсия 78,68% ва автореферати он бо 92,32%% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар:** 1) муаллиф дар такмилу тасҳеҳи назарияи маблағгузориҳои хурд бо назардошти шароити кишварҳои дорои иқтисоди рушдёбанда, дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муайян гузоштааст; 2) исботи он, ки хизматрасониҳои маблағгузории хурд ҷанбаи иҷтимоӣ дошта, вазифаашон таъмини талаботи тиҷорати хурду миёна аз ҳисоби маблағҳои ҷалбгардидаи аҳолӣ мебошад ва агар қарздиҳии истеъмолӣ ва соҳибкориро бо ҳамдигар муттаҳид сохтан мумкин гардад, ҷанбаи иҷтимоии маблағгузории хурд хеле меафзояд, чунки инкишофи бемайлони қарзҳои истеъмолӣ мушоҳида мешавад; 3) иҷрои нақшаи кории илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати: интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст; 4)

дар омода намудани 14 мақола, аз он ҷумла 11-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Имомализода Баҳодур Бобомурод дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1.5, 2.14, 9.1, 9.5, 10.5 ва 10.23-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 27.12.2024 қарори сазовор донистани Имомализода Баҳодур Бобомурод бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» –15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**27 декабри соли 2024.**